**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
________________________________
«24» июн соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи **Хушматов Намоз Раҳмонович** дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти "одоб" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

**Хушматов Намоз Раҳмонович** соли 2011 факултети забоҳои романӣ-германро аз рӯйи ихтисоси «омӯзгори забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ» хатм кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2020 ассистенти кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума ва аз соли 2020 то соли 2022 муаллими калони кафедраи мазкури Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намуда, аз соли 2022 то инҷониб ба сифати сармутахассис дар шуъбаи робитаҳои байналмиллалии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ соли 2017 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ аз 27.01.2017 №6/8.1. тасдиқ гардидаст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Каримов Шуҳрат Бозорович, доктори илмҳои филологӣ, декани факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ .

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович таҳқиқоти пурмуҳтаво ва арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуъ;** Муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ дар ҷомеаи ҷаҳонии муосир меъёру низом ва тарзу усулҳои наву нотакрори муоширату методҳои гуногуни робитаҳои иҷтимоиро ба бар овардааст. Аз ин лиҳоз таҳқиқи робитаи ногусастании забону фарҳанг ва ҳамчунин забону фарҳанги як халқият бо халқияти дигар зарурат ва арзиши наву тоза насб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Ба омӯзиши масъалаҳои шинохти илми забоншиносӣ, хусусан таҳлили сохтор ва маънои консептҳои гуногун солҳои охир олимони хориҷӣ (П. Браун ва С. Левинсон, Г. Каспер, Р. Лакофф, Р. Уоттс, К. Кристи, Л. Кинг, Я. Камичек, В.И.Карасик, В.А.Звегинсев, А.Вежбитская, А. Харчарек ва диг.) ва муҳаққиқони тоҷик (Д.Искандарова, С.Матробиён, М.Маҳмудзода, Д.Азиззода, С,С,Раҳимӣ, З.Мирзоева, М.М.Имомзода, Н.Раҳмонова, Н.К.Бойматова, Ш.Фозилова, Ахмедова, Х.Х.Қурбонова, Р.Ҷӯраева, М.Давлатмирова, Н.Каримова, С.Эшниёзова ва диг.) машғул шудаанд. Дар забоншиносии тоҷик дар даҳсолаи охир таваҷҷуҳ ба таҳқиқу пажӯҳиши консептҳо ҳам аз нигоҳи забоншиносии когнитивӣ ва ҳам забоншиносии фарҳангӣ хеле зиёд гардида рисолаҳои илмӣ доир ба консептҳои “нон”, “тӯй”, “дил”, “муҳаббат”, “тақдир” ва ғайра ҳимоя шудаанд. Масъалаи дигаре, ки хеле муҳим арзёбӣ меёбад ва онро низ бояд ҳамчун як консепти алоҳида мавриди таҳлил қарор диҳем, ин категорияи “одоб” мебошад. Категорияи одоб/ рафтори муаддабона бештар аз ҷиҳати иҷтимоиву фарҳангӣ баррасӣ мешавад. Дар як қатор таҳқиқот таҳлили гендерии рафтори муаддабона дар асоси маводи забонҳои гуногун сурат гирифтааст. Тайи солҳои охир як зумра асару таҳқиқоти зиёди илмӣ бахшида ба мавзуи қоидаҳои одоб (З.Валиева, Ҳ.Худоёров) ба табъ расидаанд. Масъалаи рафтори муаддабона ва тарзи муошират, ки аз категорияҳои одоб маҳсуб меёбанд, дар асоси риоя намудани фарҳанги забонӣ дар ҳамаи давру замон таваҷҷуҳи олимони забоншиносро ба худ ҷалб намуда буд ва онҳо роҳу усули муошироти дурустро дар асоси робитаҳои лафзӣ пайваста мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамин нукта боис гардид, ки муҳаққиқон осори таърихиву фарҳангии халқи худро ба таври алоҳида ва дар муқоиса бо фарҳангҳои дигар баррасӣ намуда, ташаккули ин ё он мафҳуми забониву фарҳангиро таҳлил намудаанд. Вале консепти “Одоб” дар забоншиносии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Дар ин росто, тасмим гирифтем, ки бо дарназардошти таъсири омилҳои фарҳангиву таърихии забонҳои тоҷикиву англисӣ раванди ташаккул ва ифодашавии консепти «Одоб/ Politeness»”-ро таҳлилу баррасӣ намоем.

**Навгонии илмии** таҳқиқот аз мушаххас намудани хусусиятҳои милливу фарҳангии мафҳуми *одоб* дар забони тоҷикӣ зимни муқоиса бо ҷузъҳои забониву ғайризабонии муошират дар забони англисӣ, аз ҷумла дар муайян сохтани хусусиятҳои асосии фаҳмиши мафҳуми таҳлилшаванда аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои забонии мавриди назар иборат аст.

Азбаски одоби инсон, асосан, дар ҳолатҳои муошират, дар рафтори нутқӣ ва дискурсӣ аён мегардад, мо таҳқиқоти худро дар асоси маводи ҳолатҳои рафтори муаддабона қарор додем, ки ҳангоми таҳлили онҳо мурочиат ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ муҳим аст. Ин омилҳо барои шарҳ додани пайдоиш ва истифодабарии ин ё он формулаи одоб/ рафтори муаддабона дар забонҳо имконият фароҳам оварданд. Ба қатори чунин омилҳо зинаҳои иҷтимоии ҳамшарикон, ҷинс (мардона/занона), синну сол (кӯдакон, ҷавонон, калонсолон), навъи алоқа (наздик, касбӣ, расмӣ), фосилаи байни ҳамшарикон (бегона, шинос, дӯст, хешу табор), сатҳи забондонӣ (адабӣ, гуфтугӯӣ, шевагӣ), аз ҷумла воқеаҳои таърихие, ки таъсири худро ба ташаккули тасвири забонии ҷаҳон дар ин ё он халқият мерасонанд дохил мешаванд.

Рисола аз муқадима ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар **боби аввал** масъалаи робитаи забону фарҳанг зимни бархурди фарҳангҳо баррасӣ мегардад; равобитҳои гуногун нисбат ба муайянсозии мафҳуми “консепт” таҳлил карда шудаанд, сохтори консепт ошкор карда шудааст.

**Боби дуюм** ба таҳлили категорияи универсалие, ки ба ҳар як фарҳанг хос аст, бахшида шудааст. Баъдан, дар он таҳлили муқоисавии қаторҳои таассуротии мафҳуми *Одоб* гузаронида, маълумотҳои озмоиши забоншиносӣ таҳлил шуда, монандию фарқияти фаҳмиши мафҳуми *Одоб* аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои забонии тоҷику англис тавсиф дода шудаанд.

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола рӯйи чоп омаданд, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:**


**[1-М] Хушматов Н.** Мавқеи усули когнитивӣ дар таҳқиқи таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №6 (83), 2019).

**[2-М] Хушматов Н.Р.** Таъсири шуури дастаҷамъонаи забонӣ ба ташаккулёбии консептҳои махсуси миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №6 (95), 2021).

**[3-М] Каримов Ш.Б., Хушматов Н.Р**. Шаклҳои “пазирой” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / (Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон бахши илмҳои филологӣ (ISSN 2413-516X ) 2022. №6)

**[4-М] Хушматов Н.Р.** Роҳҳои баёни “хайрухуш” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №5 (100), 2022).

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо**

**[5-М] Хушматов Н.** Теоритические основы коммуникации вежливости в лингвистике // Актуальные проблемы лингвистики, переводоведения и методики обучения иностранным языкам в высшей школе. Душанбе 2018

**[6-М] Хушматов Н.** Синтаксические средства выражения вежливости в английском и таджикском языках // Республиканской научно-практической конференции, посвященной году развития туризма и народных ремесел. Душанбе 2018

**[7-М] Хушматов Н.** Шарҳ ва мафҳуми консепт дар илми забоншиносӣ // Масълаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муасисаҳои таҳсилоти олии касби. Душанбе 2020

**[8-М] Хушматов Н.Р.** Хусусиятҳои грамматикии консепти «одоб» дар забони англисӣ // конференсияи илмӣ - амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи «масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, методика ва тарҷума» ба ифтихорӣ 80 – солгии факултети забони англисии донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи садриддин айнӣ (26 декабри соли 2020)

**[9-М] Хушматов Н.Р.** Тасвири кон септи одоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ \\ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ» ба ифтихорӣ 90 – солгии донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи садриддин айнӣ ва 25 – солагии таъсисёбии кафедраи «назарияи тарҷума ва услубшиносӣ» (10-11 декабри соли 2021)

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвончӯ Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.
3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмоновичро кори илмии

баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертасияи мазкурро барои муҳокима дар Шурои олимони факултет пешниҳод менамояд.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 22 июни соли 2022 суратҷаласаи №14 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 15 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ,
н.и.ф., дотсент Асламов Ҳ. А.

Котиби ҷаласа Тоҷиева Ф.Р.

Имзоҳои Ҳ.А. Асламов ва Ф.Р. Тоҷиеваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 224 13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
e-mail: info@tgpu.tj

24.06.2022